ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Вализода Ҳокимхон Сафолиён** дар мавзуи **«Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон пешниҳод шудааст.

Омӯзиш ва баррасии афкори забоншиносии тоҷик дар марҳилаҳои навини ташаккулёбии илми забоншиносӣ дар айни замон муфид мебошад. Таҳқиқоти дар ин самт ба анҷомрасида ба таҳлили афкори олимону донишманон ва шарқшиносони рус дар мавриди ташаккул ва густариши забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Дар тули садсолаи баъдӣ тағйиротҳои куллӣ дар бахшҳои гуногуни забоншиносӣ ба миён омаданд, аммо то ҳанӯз дар ин самт пажуҳиши мукаммале доир ба андешаву афкори забоншиносии ин давра ба миён наомад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи густариш ва ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он талаботи замон буда, метавонад барои шинохти афкори забоншиносии навини тоҷик мусоидат намояд.

Автореферати Вализода Ҳ. С. аз муқаддим, 5 боб, аз фаслу зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт иборат аст.

**Муқаддимаи** автореферати диссертатсияи Вализода Ҳ. С. тибқи талаботи навиштани корҳои илмӣ таҳия гардида, мақсаду вазифаҳо ва навоварии таҳқиқ, арзиши назарию амалӣ, методу усулҳои таҳқиқ муайян гардида, масоиле, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, нишон дода шудааст.

Боби якуми автореферати диссертатсия-« **Вазъи афкори забоншиносии навини тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX »** номгузорӣ шуда, аз панҷ фасл иборат мебошад. **Фасли аввал « Ташаккули афкори забоншиносии навини тоҷик то Инқилоби Октябр»** ба масъалаҳои омӯзиш ва таҳлилу баррасии андешаҳои забоншиносони хориҷӣ, аз ҷумла рус, доир ба дастуру китобҳои дарсӣ ба забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Дар ин фасл муҳаққиқ адабиёти зиёди илмиву назариявиро таҳлил ва баррасӣ намуда, хулосаҳои илмӣ мебарорад ва назари забоншиносони русро ба ташаккули забоншиносии тоҷик нишон додааст.

Фасли дуюм **« Ҳаракати маорифпарварӣ ва таъсири он ба низоми дастури забони тоҷикӣ»** ном дорад. Муҳаққиқ дуруст қайд мекунад, ки , дар охирҳои асри XIX бо таъсири ҳаракати маорифпарварӣ ва ислоҳхоҳӣ дар соҳаи таълим дар афкори забоншиносии тоҷик, алалхусус, низоми дастури забони тоҷикӣ низ тағйирот ба амал омад. Ин тағйирот, одатан, аз тариқи таълифи китобу дастурҳои таълимӣ аз забони тоҷикӣ пайдо мешавад. Сипас, сайри таърихӣ намуда, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимиро мӯшикофона ба риштаи таҳқиқ кашида, хулосаҳои илмӣ ва ҷолиб мебарорад

**Фасли сеюми** боби аввал **«Китобҳои дарсии мактабҳои усули нав ва инъикоси афкори забоншиносии навини тоҷик дар онҳо»** унвон гирифта, дар ин қисмати пажуҳиш бештар ба масъалаҳои низоми таълими мадрасаҳои Осиёи Миёна, нуфузи забони арабӣ дар таълими мадрасаҳо, нодида гирифтани афкори забоншиносии тоҷик, дар аввали садаи XX кушода шудани мактабҳои усули нав, таҳияи дастуру китобҳои дарсӣ бо забони тоҷикӣ таваҷҷуҳ намудааст. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки ин вазифаи пурифтихорро чанде аз фарзандони фарзона, дӯстдору фидоии миллату ватани тоҷик адо намуданд, ки дар рушди афкори забоншиносии давраи нав нақши муҳим бозиданд. Дар ин давра нашри дастуру китобҳои дарсии «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и Сайидризо Ализодаи Самарқандӣ, «Қоидаҳои муҳим аз сарфу наҳви тоҷикӣ»-и Абдурауфи Фитрат, «Сарфи забони тоҷикӣ»-и Туроқул Зеҳнӣ, «Дар атрофи забони адабии тоҷик» - и Бектошро беҳтарин падидаи илмиву фарҳангӣ меҳисобад.

Фасли чоруми боби мазкур **«Фарҳангҳои тафсирӣ ва идомаи афкори забоншиносии классикӣ дар онҳо»** номгузорӣ шуда, он ба масъалаҳои таҳияи фарҳангҳои тафсирӣ, инъикоси афкори забоншиносӣ дар фарҳангҳои тафсирӣ, ифодаи воситаҳои грамматикии забони тоҷикӣ дар фарҳангҳо ва ғайра бахшида шудааст.

Дар фасли панҷум **«Ҳамроҳшавии Осияи Миёна ба Русия ва таъсири афкори забоншиносии рус дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик»** муҳаққиқ ба масъалаҳои таҳияи китобҳои дарсӣ таваҷҷуҳ намуда, таъсири афкори забоншиносии русро ба афкори забоншиносии тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX, пеш аз ҳама, аз тариқи китобҳои дарсӣ таъкид кардааст.

Боби дуюми рисола **«Вазъи афкори забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX»** унвон дорад. Фасли аввали боби мазкур **«Мубоҳисаҳо дар атрофи масъалаҳои забони тоҷикӣ ва арзиши забоншиносии онҳо»** унвон дошта, дар он доир ба мақолаҳо ва баҳсҳои забоншиносону донишмандон ва равшанфикрони тоҷик роҷеъ ба масъалаҳои мухталифи забони тоҷикӣ баҳс меравад.

**Фасли дуюми** боби дуюм **«Саҳми донишмандон, адибон ва рӯзноманигорон дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX»** ном дошта, аз 10 зерфасл иборат мебошад. Дар ин фасл муаллиф кӯшидааст, ки саҳми донишмандону адибон ва рӯзноманигорон, аз ҷумла, Садриддин Айнӣ, Сайидризо Ализодаи Самарқандӣ, Т. Зеҳнӣ, А. Фитрат, Ҳ. Бақозода, Бектош, Б. Ҳоҷизода, Б. Азизӣ, А. Мунзим ва дигаронро дар ташаккули афкори забоншиносии навини тоҷик нишон диҳад. Аз ин рӯ, осори забоншиносии ин доншмандон дар алоҳидагӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Боби сеюми** диссертатсия **« Афкори забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 40-ум ва 50-уми асри XX»** унвон дошта, аз панҷ фасл иборат аст.

**Фасли аввали** боби сеюм **«Баррасии осори илмии баъзе муҳаққиқони забоншиноси ин марҳилаи забоншиносии навини тоҷик»** унвон гирифта, аз се зерфасл иборат аст. Муҳаққиқ дар ин фасл осори илмии забоншиносони тоҷик, шарқшиносонро интихобан мавриди таҳқиқ қарор дода, нақши онҳоро дар густариши афкори забоншиносии навини тоҷик нишон додааст. Ӯ дуруст қайд кардааст, ки дар солҳои 40-50-уми асри XX дар таҳқиқи масъалаҳои забоншиносӣ, таълифи китобҳои дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ барои зинаҳои гуногуни таҳсил ва пажуҳиши шеваҳои тоҷикӣ бисёр муҳаққиқон, аз ҷумла, В. С. Расторгуева, Т. Зеҳнӣ, Сухарева, Ҳ. Бақозода, Б.Ҳоҷизода, С.А.Арзуманов, С.Н. Нестеренко, Л. Бузургзода, Ҳ. Каримов, А. Мирзоев, М. Ғафуров, Ш. Ниёзӣ, Б. Ниёзмуҳаммадов, А. Деҳотӣ, Б. Раҳимзода, Д. Тоҷиев, М. Фозилов, Р. Л. Неменова М. Исматуллоев, М. Эшонҷонов ва дигарон хеле фаъол буданд.

Боби чорум **"Масъалаҳои забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 60-уми асри XX"** ном дошта, аз як фасл ва 8 зерфасл иборат мебошад. Дар ин фасл осори илмии донишмандону муҳаққиқони забони тоҷикӣ Б. Ниёзмуҳаммадов, Шавкат Ниёзӣ, Т. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Ш. Рустамов, Х. Ҳусейнов, М. Шакурӣ баррасӣ гардида, афкории забоншиносии тоҷик дар ин давра мушаххас гардидааст.

Боби панҷуми диссертатсия – **«Андешаҳои муҳаққиқони забон дар солҳои 70-уми асри XX»** ном дорад. Муҳаққиқ дар ин фасл кӯшидааст, ки нақши олимону муҳаққиқони тоҷикро дар ташаккули бахшҳои гуногуни илми забоншиносӣ, аз ҷумла, сарф, наҳв, калимасозӣ, лексикология, услубиёти забон, фразеология ва ғайра таҳлил ва баррасӣ намояд.

Дар хулоса натиҷаи пажуҳиш дар 22 банд оварда шудааст.

Дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки зикри баъзеи онҳоро бамаврид мешуморем:

1. Дар автореферат ғалатҳои техникиву имлоӣ ба мушоҳида расиданд: (с. 18, 22. ).
2. Агар афкори забоншиносии шарқшиносони рус дар боби ҷудогона баррасӣ мегардид, сифати кор беҳтар мешуд.

Бо вуҷуди ин, ғалатҳои зикршуда сифати корро коста намегардонад, зеро довталаби дараҷаи илмӣ аз иҷрои мақсаду вазифаҳои дар кори таҳқиқотии худ гузоштааш, баромадааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи **Ализода Ҳокимхон Сафолиён** дар мавзуи **«Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон пажуҳиши илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз

30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва барои дифоъ тавсия мешавад.

Муқарриз
Доктори илмҳои филологӣ, профессор Кенҷазода Манучеҳра

**Маълумот барои тамос:**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, кӯчаи Баротов А.
**Тел:**92 111 33 44
**E-mail:** kenjazoda78@br.ru

Имзои М.Кенҷазодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Муассисаи давлатии «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд» Юнусова О.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735716, маҳаллаи 27, хонаи №1,
ш. Хуҷанд, вилояти Суғд, Ҷумҳурии Тоҷикистон;
адрес: 735716, 27 микрорайон, дом 1а,
25.08.2026.